# ҚАРОРИ

## Ҷаласаи Шӯрои диссертатсионии 6D.KOA-017-и назди Институти иқтисодиёт ва демография Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон

20 июни соли 2023, № 09 ш. Душанбе

Баъди шунидан ва муҳокима намудани диссертатсияи Раҳимзода Муҳаммадҷони Назар дар мавзуи Ҷанбаҳои ташкилӣ-иқтисодии идоракунии рақобатпазирии корхонаҳои саноатӣ (дар мисоли корхонаҳои саноати сабуки вилояти Хатлон) барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.06 – Иқтисодиёт ва идоракунӣ тибқи самтҳои фаъолият (08.00.06.04 - Ташкил ва идоракунии корхонаҳо, ңизомҳо ва комплексҳо), тақризи роҳбари илмӣ - доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор, Хоҷаев Парвиз Давронович тақризи муассисаи пешбар - Д Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон, тақризҳо ва баромадҳои муқарризони расмӣ: Комилов Сироҷиддин Ҷалолиддинович, доктори илмҳои иқтисодӣ, профессори кафедраи назарияи иқтисодӣ ва иқтисодиёти ҷаҳон Донишгоҳи славянии Руссияву Тоҷикистон, Ҷумаев Уктам Мирзоёрович, номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсенти кафедраи иқтисод ва менеҷмент Филиали Донишгоҳи миллии таҳқиқотии технологии «Донишгоҳи пулод ва хулаи Москва» дар шаҳри Душанбе ва баромадҳои мутахассисон оид ба тахассуси диссертатсияи баррасишаванда академики АМИТ, доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор Қаюмов Н.Қ., доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор Рауфӣ А., доктори илмҳои кишоварзӣ Садридинов С. Шӯрои диссертатсионии 6D.KOA-017 дар асоси натиҷаи овоздиҳии пинҳонӣ ва хулосаи аз тарафи аъзоёни Шӯрои диссертатсионӣ қабулгардида оид ба саҳеҳият, навгонии илмӣ, аҳамият ва хулосаҳои диссертатсия, инчунин, натиҷаи корҳои нашршуда доир ба мавзӯи диссертатсияи Раҳимзода Муҳаммадҷони Назар

## ҚАРОР МЕКУНАД:

**1.** Диссертатсияи Раҳимзода Муҳаммадҷони Назар дар мавзуи "Ҷанбаҳои ташкилӣ-иқтисодии идоракунии рақобатпазирии корхонаҳои саноатӣ (дар мисоли корхонаҳои саноати сабуки вилояти Хатлон)" барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.06 – Иқтисодиёт ва идоракунӣ тибқи самтҳои фаъолият (08.00.06.04 - Ташкил ва идоракунии корхонаҳо, низомҳо ва комплексҳо) ба талаботи муқаррарнамудаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон нисбат ба диссертатсияҳои номзадӣ тибқи «Тартиби додани дараҷаҳои

илмӣ ва унвони илмӣ (дотсент ва профессор)», ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти № 267 тасдиқ гардидааст, ҷавобгӯ мебошад.

2. Автореферати диссертатсия ва интишороти муаллиф пурра мазмуну моҳияти таҳқиқотро инъикос менамояд.

3. Ба Раҳимзода Муҳаммадҷони Назар барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.06 – Иқтисодиёт ва идоракунӣ тибқи самтҳои фаъолият (08.00.06.04 - Ташкил ва идоракунии корхонаҳо, низомҳо ва комплексҳо) дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ дода шавад;

4. Аз Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дархост карда шавад, ки қарори Шӯрои диссертатсиониро ҷонибдорӣ намояд ва Раҳимзода Муҳаммадҷони Назар бо дипломи дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ сарфароз гардонада шавад.

Ки тарафдори қарори Шӯрои диссертатсионӣ мебошад, хоҳишмандам овоз диҳад. Зид -нест, бетараф -нест. Қарор якдилона қабул гардид.

Раиси Шӯро: иҷозат диҳед унвонҷӯро барои бо муваффақият ҳимоя намудани диссертатсия ва сарфароз гаштан ба дараҷаи илмии номзадӣ илмҳои иқтисодӣ табрик намоям ва ба ҳамаи аъзои Шӯро барои ширкати фаъол дар ҳимоя арзи сипос намоям.

Бо ҳамин ҷаласаи навбатии Шӯрои диссертатсионӣ пӯшида эълон мешавад.

**Раиси**
**Шӯрои диссертатсионӣ, д.и.и.** **Ҷонмамадов Ш.Б.**

**Котиби илмии**
**Шӯрои диссертатсионӣ, н.и.и.** **Бобоев К.О.**

**20.06.2023с.**